**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Алимардонзода Бобохон Маҳмадӣ дар мавзӯи “Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърих ва бостоншиносӣ (07.00.02 –Таърихи ватанӣ)**

Диссертатсияи номзадии Алимардонзода Бобохон Маҳмадӣ дар мавзӯи “Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI) ба омӯзиши таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Бояд гуфт, ки дар замони соҳибистиқлолӣ масъалаи омӯзиши электрикунонии минтақаҳои ҷанубу шарқӣ мубрам гашта, мутаассифона, ин масъалаҳо дар маҷмуъ, қаблан аз мадди назари мутахассисон берун монда буданд. Имрӯз барои муҳаққиқони соҳаҳои гуногун вақти он фаро расидааст, ки ғайр аз муҳокимаи ин масъалаҳо ба таҳқиқи он бештар таваҷҷуҳ намоянд.Зеро бояд таъкид намуд, ки таҳқиқоту корҳои алоҳидае, ки муҳимтарин масъалаҳои электрикунонии минтақаро дар тамоми давраи баъдиҷангӣ равшан месозанд, ҳанӯз анҷом дода нашудаанд. Бисёре аз масъалаҳо, аз қабили вазъи афзалиятноки минтақаи мазкур, мавҷудияти равандҳои тезшавандаи электрикунонии минтақа ва таъсири онҳо ба ташаккулёбии инкишофи ин минтақа то ба ҳол равшан нестанд. Аз ин рӯ, зарурати омӯзиши ҷиддӣ ва таҳлили ҷузъиёти масъалаҳои мазкур пеш омадааст, ки ин мубрамии рисолаи таҳқиқшавандаро муайян мекунад.

Таҳлил, хулосабарорӣ ва муайяннамоии нақши қувваи барқ дар инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда, рушди иқтидори иқтисодии ноҳияҳо, нишон додани нақши табдилдиҳандаи қувваи барқ дар инкишофи фарҳанг, илм, таҳсилот дар ин минтақа рукни асосии мавзуи таҳқиқоти мебошанд.

Тавре аз автореферати диссертатсия маълум аст, муаллиф зимни

навистани диссертатсия аз методҳои илмии таърихият, ҳувият, воқеияти илмӣ, таҳлили таърихӣ - муқоисавӣ васеъ истифода бурдааст. Дар баробари ин асоси таҳқиқи мазкурро усули мушкилотӣ - хронологӣ ташкил медиҳад, ки барои муайян намудани таърихи электрикунонии ин минтақаи наздисарҳадӣ ва аҳаммияти он дар ҳаёти иқтисодӣ - иҷтимоӣ ва фарҳангию маишии аҳолии минтақа имконияти хуб фароҳам меоранд.

Аз ин рӯ, диссертатсияи номзадии Алимардонзода Бобохон Маҳмадӣ дар мавзуи "Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI) арзиш ва аҳаммияти баланди илмиро касб менамояд.

Дар баробари ин, муаллиф дар таҳқиқоти мазкур аз маводи бойгонии давлатии таърихи навтарини Тоҷикистон, бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бойгонии вилояти Хатлон ва ноҳияҳои он, маводи ҳисоботии шабакаи барқии ноҳияҳои ҷанубу шарқии ҷумҳурӣ истифода намудааст. Бо дар назардошти аҳаммияти илмии масъалаи таҳқиқшаванда маъхазҳои бойгонӣ, маводи адабиёти чопӣ оид ба электрикунонӣ, аз ҷумла, бойгониҳои ҳизбӣ ва давлатии ҳамаи ноҳияҳои минтақа, ҳисоботи омории ноҳияҳо, маводи шабакаҳои барқӣ, ҳисоботи колхозу совхозҳо, шуроҳои деҳот, оғоз аз соли 1920 то солҳои 1950 истифода ва омӯхта шудаанд.

Муаллиф маводи таърихи электрикунонии минтақаҳои ҷанубу шарқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар даврони Шуравӣ ва давраи истиқлолият муфассал таҳлил карда, дар таҳқиқи он саҳми худро гузоштааст. Доир ба мавзуи рисола муаллиф ба натиҷаҳои муайяни илмӣ омада, таклифу тавсияҳои худро баён кардааст ва мақолаҳои илмӣ нашр кардааст.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи номзадии Алимардонзода Бобохон Маҳмадӣ дар мавзӯи "Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI) ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми таърих аз рӯйи ихтисоси "Таърихи ватанӣ" (таърихи халқи тоҷик) мебошад.

Муқарриз: н.и.т., дотсенти
кафедраи таърихи умумӣ ва
муносибатҳои байналхалқии
ДДОТ ба номи С.Айнӣ Наҷмуддинзода Толибшоҳ Ашур

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ Мустафозода А.
02.09.2025